«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия
_______________Насуриён П.А.
«___» _____________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи: «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи: «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ), ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар марҳилаи кунунии рушди давлатдории миллӣ ва ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои такмили сиёсати ҷиноятӣ ва мутобиқ гардонидани он ба меъёрҳои муосири ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон аҳаммияти аввалиндараҷа касб намудаанд. Яке аз унсурҳои муҳими низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки бевосита ба вазъи ҳуқуқии шахс пас аз маҳкум шудан таъсир мерасонад, институти доғи судӣ мебошад. Маҳз ҳамин институт робитаи байни адои ҷазо ва вазъи минбаъдаи ҳуқуқии шахсро муайян намуда, доираи маҳдудиятҳо ва оқибатҳои ҳуқуқиро муқаррар месозад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, пеш аз ҳама, бо он вобаста аст, ки доғи судӣ дорои табиати дугона мебошад: аз як ҷониб, он воситаи таъмин намудани ҳадафҳои пешгирии такрори ҷиноят ва ҳифзи манфиатҳои ҷамъият аст; аз ҷониби дигар, метавонад ба раванди одаткунонии иҷтимоии маҳкумшуда монеа эҷод намояд. Маҳз мувозинати байни ин ду самт – ҳифзи манфиатҳои

ҷомеа ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахс масъалаи асосии назариявӣ ва амалии институтро ташкил медиҳад.

Дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мушкилоти муайян вобаста ба ҳисоб намудани муҳлатҳои барҳам хӯрдани доғи судӣ, тартиби пеш аз муҳлат бардоштани он, инчунин таъсири доғи судӣ ба таъини ҷазои нав ба назар мерасанд. Норасоии возеҳият дар баъзе муқарраротӣ қонунгузорӣ метавонад боиси гуногунфаҳмӣ ва ихтилофи таҷрибаи судӣ гардад. Ин ҳолат зарурати таҳқиқи илмии масъала ва пешниҳоди роҳҳои такмили танзими ҳуқуқиро тақозо менамояд.

Илова бар ин, равандҳои ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии ҳуқуқӣ ва таъсири стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон масъалаи мутобиқати институти доғи судӣ ба принсипҳои адолат, инсондӯстӣ ва фарқгузории ҷавобгариро ба миён меоранд. Таҷрибаи давлатҳои дигар нишон медиҳад, ки тамоюл ба кам намудани таъсири маҳдудкунандаи оқибатҳои ҷазо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои барқарор намудани мақоми иҷтимоии шахс афзоиш меёбад.

Аз нигоҳи иҷтимоӣ, дуруст танзим гардидани доғи судӣ метавонад ба коҳиши сатҳи такрори ҷиноят, мусоидат ба шуғли устувор ва мутобиқшавии шахсони маҳкумшуда дар ҷомеа мусоидат намояд. Баръакс, маҳдудиятҳои номутавозин метавонанд ба афзоиши хавфи содир намудани ҷинояти нав оварда расонанд.

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, таҳқиқи ҳамаҷонибаи паҳлуҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалии институти доғи судӣ, инчунин таҳияи пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ мебошад. Интихоби мавзуи мазкур ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ буда, ба рушди минбаъдаи сиёсати ҷиноятӣ ва таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии инсон мусоидат хоҳад кард.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баёншуда баланд арзёбӣ мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқ бар пояи таҳлили амиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии марбут ба вазъи ҳуқуқии шахсони маҳкумшуда, амалияи судии миллӣ, маълумоти оморӣ ва инчунин адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба даст оварда шудаанд.

Дар раванди таҳқиқ муаллиф аз маҷмуи методҳои умумии илмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили системавӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таҳлили амалияи судӣ истифода намудааст.

Ин муносибати методологӣ имкон додааст, ки паҳлуҳои назариявӣ ва амалии институти доғи судӣ ба таври фарогир баррасӣ гардида, масъалаҳои баҳсталаби марбут ба моҳият, оқибатҳои ҳуқуқӣ, муҳлатҳои барҳам хӯрдан ва тартиби бардоштани доғи судӣ амиқан таҳлил шаванд.

Дар диссертатсия норасоиву норавшаниҳои мавҷуда дар қонунгузории амалкунанда ва ихтилофи муайян дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ошкор гардида, зарурати дақиқсозӣ ва такмили меъёрҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Пешниҳодҳои муаллиф оид ба муайян намудани мафҳуми дақиқи доғи судӣ, мушаххасгардонии тартиби ҳисоб намудани муҳлатҳои бардоштан ва барҳам хӯрдани он, инчунин истифодаи истилоҳоти ягона ва дақиқ дорои асоснокии назариявӣ ва амалии кофӣ мебошанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои илмии ироашуда аз таҳлили пайдарпайи масъалаҳо мантиқан бармеоянд ва бо далелҳои назариявӣ ва амалии муътамад асоснок гардидаанд. Татбиқи онҳо метавонад ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ, таъмини ягонагии амалияи судӣ ва таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии шахс пас аз адои ҷазо мусоидат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии таҳқиқи диссертатсионии Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ институти доғи судӣ ҳамчун падидаи мустақили ҳуқуқӣ ба таври мукаммал, низомнок ва комплексӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф бо такя ба таҳлили амиқи қонунгузории амалкунанда, мавқеъҳои олимони ватанӣ, хориҷӣ ва амалияи судӣ, консепсияи ҳуқуқии доғи судиро таҳия намуда, робитаи онро бо категорияҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз қабили ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардааст. Дар таҳқиқ мафҳуми дақиқтари доғи судӣ пешниҳод гардида, аломатҳои фарққунандаи он аз дигар институтҳои наздик муайян карда шудаанд, инчунин таснифи оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва умумиҳуқуқии доғи судӣ баён гардидааст. Навоварии илмӣ ҳамчунин дар таҳлили низомноки масъалаҳои барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судӣ ва пешниҳоди тағйиру иловаҳои мушаххас ба моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

Саҳеҳият ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи заминаи васеи назариявӣ ва эмпирикӣ таъмин гардидааст. Таҳқиқ бар пояи омӯзиши ҳамаҷонибаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили санадҳои меъёрӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва истифодаи методҳои

муосири илмӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва системавӣ анҷом дода шудааст.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф мантиқан аз мазмуни таҳқиқ бармеоянд, бо далелҳои ҳуқуқӣ ва таҳлилҳои мушаххас асоснок гардида, бо принсипҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқаррароти Кодекси ҷиноятӣ мутобиқат доранд. Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқ дорои навгонии илмӣ ва устувории назариявию амалии кофӣ буда, метавонанд барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар самти танзими институти доғи судӣ истифода шаванд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дорои аҳаммияти назаррас ва фарогири илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории миллӣ дуруст ва асоснок баҳогузорӣ намудани доғи судӣ ҳамчун оқибати маҳкумшавии шахс мусоидат намуда метавонад.

Аҳаммияти илмии кор дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф институти доғи судиро на танҳо ҳамчун оқибати расмии маҳкумият, балки ҳамчун падидаи мураккаби ҳуқуқӣ бо таъсири фарогир ба вазъи ҳуқуқии шахс таҳлил намудааст. Дар рисола масъалаҳои мафҳум, табиати ҳуқуқӣ, вазифаҳо, оқибатҳои ҷиноятӣ ва умумиҳуқуқии доғи судӣ, инчунин робитаи он бо институтҳои ретсидив, озодкунӣ аз ҷавобгарӣ ва ҷазо ба таври системавӣ баррасӣ гардидаанд. Ин равиш ба ғанӣ гардидани доктринаи миллӣ дар самти танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ ва марҳилаи пас аз маҳкумият мусоидат менамояд.

Аҳаммияти амалӣ аз таҳлили мушкилоти татбиқи моддаи 84 КҶ ҶТ ва дигар меъёрҳои марбут ба доғи судӣ бармеояд. Пешниҳодҳои муаллиф оид ба дақиқсозии истилоҳот, муайян намудани тартиби ҳисоб намудани мӯҳлатҳои барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судӣ, инчунин такмили муқаррароти марбут ба афв ва бахшиши ҷазо метавонанд дар фаъолияти судҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки таҳқиқ ба масъалаи мувозинати байни ҳифзи манфиатҳои ҷамъият ва риояи ҳуқуқу озодиҳои шахс равона шудааст. Бо дарназардошти таъсири доғи судӣ ба вазъи иҷтимоӣ, имкониятҳои меҳнатӣ ва мақоми шаҳрвандии шахс, пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ба коҳиши оқибатҳои номутаносиби маҳдудиятҳо ва мусоидат ба раванди азнавҷамъиятии шахсони собиқ маҳкумшуда замина гузоранд.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ, такмили танзими ҳуқуқии институти доғи судӣ метавонад ба паст гардидани сатҳи такрори ҷиноят, беҳтар шудани одаткунонии иҷтимоии маҳкумшудагон ва коҳиши хароҷоти давлатӣ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ мусоидат намояд.

Дар маҷмуъ, аҳаммияти диссертатсия аз таҳлили амиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии институти доғи судӣ бармеояд ва натиҷаҳои он метавонанд дар рушди минбаъдаи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи ҳуқуқи инсон мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Юсуфзода Фаридун Асадулло бо заминаи мустаҳками назариявӣ ва эмпирикӣ таъмин гардидааст.

Натиҷаҳои илмӣ бар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муқаррароти марбут ба доғи судӣ, инчунин омӯзиши меъёрҳои соҳаҳои дигари ҳуқуқ, ки оқибатҳои умумиҳуқуқии онро танзим менамоянд, ба даст оварда шудаанд. Муаллиф мавқеъҳои гуногуни олимони ватанӣ ва хориҷиро мавриди баррасӣ қарор дода, дар асоси муқоиса ва таҳлили интиқодӣ хулосаҳои мустақили илмӣ пешниҳод намудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳо, инчунин, бо истифодаи маҷмуи методҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таҳлили системавӣ таъмин гардидааст. Дар раванди таҳқиқ маводи амалияи судӣ ва маълумоти оморӣ низ истифода шуда, хулосаҳо бо вазъи воқеии ҳуқуқтатбиққунӣ мувофиқат доранд.

Дурустӣ ва асоснокии пешниҳодҳои илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо мантиқан аз таҳлили масъалаҳои мавриди баррасӣ бармеоянд, бо меъёрҳои амалкунандаи Конститутсия ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат дошта, ба бартараф намудани номуайяниҳо ва ихтилофҳои амалияи судӣ равона шудаанд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои бадастомада дорои дараҷаи баланди эътимоднокӣ буда, бо далелҳои назариявӣ ва амалии кофӣ асоснок гардидаанд ва метавонанд дар рушди минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ, соҳаҳои дигари ҳуқуқ ва такмили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ истифода шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Юсуфзода Фаридун Асадулло дар таҳқиқи диссертатсионӣ бо дараҷаи баланди мустақилияти илмӣ, таҳлили амиқ ва коркарди эҷодии масъалаҳо ифода меёбад.

Муаллиф мустақилона заминаи назариявии таҳқиқро ташаккул дода, мавқеъҳои гуногуни илмиро оид ба мафҳум ва моҳияти доғи судӣ таҳлил ва

муқоиса намуда, дар асоси онҳо хулосаҳои шахсии илмӣ пешниҳод кардааст. Таҳияи таърифи дақиқтари доғи судӣ, асоснок намудани ҷой ва нақши он дар низоми институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин пешниҳоди таснифи оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва умумиҳуқуқии он натиҷаи кори мустақилонаи таҳқиқотии довталаб мебошад.

Саҳми шахсии муаллиф, ҳамчунин дар таҳлили мушкилоти барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судӣ, муайян намудани норасоиҳои қонунгузории амалкунанда ва таҳияи пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Ҳамаи хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз таҳлили мустақилонаи санадҳои меъёрӣ, амалияи судӣ ва адабиёти илмӣ бармеоянд.

Илова бар ин, натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз фаъолият ва мавқеи мустақили илмии довталаб шаҳодат медиҳанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсия натиҷаи фаъолияти мустақилона, пайгирона ва эҷодии довталаб буда, саҳми шахсии ӯ дар таҳияи масъалаҳои назариявӣ ва амалии институти доғи судӣ возеҳ ва асоснок мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионии Юсуфзода Фаридун Асадулло дар 6 мақолаи илмӣ таҷассум ёфтаанд, ки ба таҳлили паҳлуҳои назариявӣ ва амалии институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Аз ин шумора, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия гардидаанд, ба нашр расидаанд.

Дар ин интишорот муаллиф муқаррароти калидии диссертатсия, хулосаҳои асосноки илмӣ ва пешниҳодҳои такмилдиҳандаи қонунгузории ҷиноятиро ба таври пайгирона ва бо далелҳои муътамад баён намудааст. Маводи чопшуда аз муҳокима ва баҳогузории илмӣ гузашта, сатҳи назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқро тасдиқ менамояд. Интишори мунтазами натиҷаҳо дар маҷаллаҳои тахассусӣ аз фаъолият ва мавқеи устувори илмии довталаб шаҳодат медиҳад.

Теъдод ва сатҳи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддимаи кори мазкур мубрамият ва аҳаммияти илмии мавзуи таҳқиқот исбот гардида, робитаи он бо пажӯҳишу лоиҳаҳои илмии муосир зикр шудааст. Муаллиф ба зарурати омӯзиши муфассали масъала таваҷҷуҳ намуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро ба

таври возеҳ муайян намудааст. Ҳамчунин, объект ва мавзуи таҳқиқот мушаххас гардидаанд. Ғайр аз ин, муқаррароти асосие, ки навоварии илмии тадқиқотро ифода мекунанд, таъкид гардида, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада шарҳ дода шудааст. Илова бар ин, маълумот оид ба тасдиқи амалӣ ва шумораи корҳои нашршудаи муаллиф оид ба мавзуи мазкур пешниҳод гардидааст.

Нақша ва сохтори диссертатсия ба тавре таҳия шудаанд, ки фарогирии масъалаҳои калидӣ ва муҳими вобаста ба ҳалли мавзуи таҳқиқшавандаро таъмин намуда, пайдарҳамии мантиқӣ, робитаи дохилии бобҳо ва мутобиқати онҳо бо мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқ пурра риоя гардидаанд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 174 саҳифаро дар бар мегирад

**Боби аввали** диссертатсия таҳти унвони «Табиати ҳуқуқии институти доғи судӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои аҳаммияти назариявӣ ва методологӣ буда, ҳамчун пояи илмии таҳқиқоти минбаъда хизмат менамояд.

Дар зербоби якум муаллиф масъалаи мафҳум ва моҳияти доғи судиро дар заминаи таҳлили мавқеъҳои гуногуни илмӣ баррасӣ менамояд. Ӯ бо ишора ба он, ки дар қонунгузории ҷиноятии амалкунанда таърифи мустақими мафҳуми «доғи судӣ» вуҷуд надорад, зарурати таҳияи таърифи илмии онро асоснок мекунад (саҳ. 21–23). Муаллиф андешаҳои олимонро, ки доғи судиро ҳамчун «факти ҳуқуқӣ», «ҳолати махсуси ҳуқуқӣ», «оқибати маҳкумият» ё «чораи дигари дорӧи хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ» маънидод намудаанд, таҳлил ва муқоиса мекунад (саҳ. 23–26). Бо таҳлили интиқодӣ ӯ нишон медиҳад, ки ҳар як аз ин нуқтаи назарҳо ҷанбаҳои алоҳидаи падидаро фаро мегиранд, вале моҳияти онро пурра инъикос намекунанд (саҳ. 27–29).

Дар натиҷаи таҳлили мазкур муаллиф таърифи мукаммали доғи судиро пешниҳод менамояд (саҳ. 30–31), ки онро ҳамчун оқибати ҳуқуқии маҳкумшавӣ ва вазъи махсуси ҳуқуқии шахс аз лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдоркунанда то барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ муайян мекунад. Ин таъриф хусусияти низомнок дошта, аломатҳои асосӣ ва функсионалии институтро дар бар мегирад.

Дар зербоби дуюм ҷой ва нақши институти доғи судӣ дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳлил шудааст. Муаллиф масъалаи ҳамчун институти мустақил эътироф гардидани доғи судиро баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки маҷмуи

меъёрҳои ҳуқуқие, ки масъалаҳои вобаста ба доғи судиро ба танзим медароранд, дар маҷмуъ дорои ҳамаи аломатҳои моддии институти мустақили ҳуқуқӣ мебошанд. Ин меъёрҳо на танҳо оқибатҳои ҳуқуқии маҳкумиятро муайян месозанд, балки тартиби ба вуҷуд омадан, давомнокӣ, тағйирёбӣ ва қатъ гардидани доғи судиро низ ба таври низомнок танзим менамоянд, ки ин ҳолат аз мавҷудияти сохтори мукаммали институтсионалӣ шаҳодат медиҳад (саҳ.34).

Муаллиф робитаи доғи судиро бо институтҳои ретсидив, таъини ҷазо, озодкунӣ аз ҷавобгарӣ ва ҷазо, авф ва бахшиши ҷазо таҳлил намуда, аҳаммияти онро дар фардикунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва татбиқи адолат нишон медиҳад. Ҳамзамон, ӯ ба хусусияти байнисоҳавии институт ишора карда, асоснок менамояд, ки оқибатҳои доғи судӣ дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ низ амал мекунанд (саҳ. 36–44).

Дар маҷмӯъ, боби аввал бо таҳлили амиқи назариявӣ, муқоисавӣ ва меъёрӣ фарқ мекунад. Хулосаҳои пешниҳодшуда пайдарҳам ва мантиқан асоснок буда, заминаи устувори илмиро барои баррасии оқибатҳои ҳуқуқии доғи судӣ ва масъалаҳои барҳам хӯрдану бардоштани он дар бобҳои минбаъдаи диссертатсия фароҳам меоранд.

**Боби дуюми** диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло таҳти унвони «Оқибатҳои институти доғи судӣ» ба таҳлили ҳамаҷонибаи оқибатҳои ҳуқуқии доғи судӣ ва таъсири он ба вазъи ҳуқуқии шахс бахшида шудааст.

Ин боб идомаи мантиқии боби аввал буда, аз таҳлили табиати ҳуқуқии институт ба баррасии оқибатҳои амалӣ ва функсионалии он мегузарад.

Дар зербоби якум, ки ба оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ бахшида шудааст, муаллиф нишон медиҳад, ки мавҷудияти доғи судӣ боиси ба вуҷуд *омадани муносибатҳои махсуси оммавӣ-ҳуқуқӣ* байни шахси маҳкумшуда ва давлат мегардад. Ӯ таъкид мекунад, ки доғи судӣ ҳангоми содир шудани ҷинояти нав ба баҳодиҳии шахсияти гунаҳгор ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор таъсир мерасонад (саҳ. 53-54).

Муаллиф паёмадҳои асосии ҳуқуқии ҷиноятии доғи судиро таҳлил намуда, пеш аз ҳама ба нақши он дар эътирофи ретсидив ишора мекунад (саҳ. 56–60). Дар ин замина масъалаҳои марбут ба таъсири доғи судӣ ба таъини ҷазо, интихоб намудани намуди муассисаи ислоҳӣ ва тартиби адои ҷазо баррасӣ мешаванд. Ҳамчунин, муаллиф ба мушкилоти татбиқи моддаи 66 КҶ ҶТ вобаста ба таъини ҷазо дар ҳолати ретсидив таваҷҷуҳ намуда, зарурати дақиқсозии баъзе истилоҳоти қонунгузориро асоснок менамояд (саҳ. 60–63).

Дар идома, муаллиф оқибати дигареро, ки бо маҳдудияти татбиқи институтҳои озодкунӣ аз ҷавобгарӣ ва ҷазо алоқаманд аст, таҳлил мекунад. Ӯ масъалаи мафҳуми «бори аввал содир намудани ҷиноят»-ро мавриди

баррасӣ қарор дода, мавқеъҳои гуногуни илмиро муқоиса менамояд ва хулосаи худро пешниҳод мекунад. Дар ин қисмат нишон дода мешавад, ки мавҷудияти доғи судӣ метавонад ҳамчун монеа барои татбиқи баъзе институтҳои сабуккунандаи ҷавобгарӣ хизмат намояд.

Зербоби дуюм ба таҳлили оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ бахшида шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки ин гурӯҳи оқибатҳо дар соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ – меҳнатӣ, маъмурӣ, оилавӣ, маданӣ ва дигар соҳаҳо инъикос меёбанд. Ӯ нишон медиҳад, ки хусусияти оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ дар он аст, ки маҳдудиятҳои муқарраршаванда на аз худи доғи судӣ, балки аз хусусиятҳои ҷинояти қаблан содиршуда, аз ҷумла табиати моддӣ, дараҷаи вазнинӣ ва шакли қасд вобастаанд (саҳ. 84).

Муаллиф таснифи маҳдудиятҳои умумиҳуқуқиро пешниҳод намуда, онҳоро вобаста ба асос ва мӯҳлати татбиқ ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад (саҳ. 99-103). Ҳамзамон, ӯ ба номувофиқатии баъзе меъёрҳои қонунгузории интихоботӣ ишора намуда, масъалаи баробарии ҳуқуқиро аз нуқтаи назари татбиқи маҳдудиятҳо баррасӣ менамояд.

**Боби сеюми диссертатсия** таҳти унвони «Проблемаҳои барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ» аз ду зербоб иборат буда, ба таҳлили муфассали ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии қатъ гардидани доғи судӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби аввал, муаллиф барҳам хӯрдани доғи судиро ҳамчун шакли автоматии қатъ гардидани он тибқи қисми 3 моддаи 84 КҶ ҶТ тавсиф мекунад. Муаллиф масъалаи оғози ҳисоб намудани мӯҳлати барҳам хӯрдани доғи судиро таҳлил намуда, хулоса мебарорад, ки мӯҳлат пас аз адои пурраи ҷазои асосӣ ва иловагӣ оғоз мегардад. Дар идома ҳолатҳои махсуси озодкунӣ аз ҷазо – бо сабаби беморӣ (м. 79 КҶ ҶТ) ва мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то синни ҳаштсола доранд (м. 78 КҶ ҶТ), баррасӣ шуда, асоснок мегардад, ки чунин шахсон то гузаштани мӯҳлати муайян дорои доғи судӣ боқӣ мемонанд. Масъалаи ҳисоб намудани мӯҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ ҳангоми иваз намудани қисми адонакардаи ҷазоро таҳлил намуда, муаллиф пешниҳод медорад, ки мӯҳлат аз рӯйи ҷазои аввал таъиншуда ҳисоб карда шавад. Муаллиф таъкид менамояд, ки доғи судӣ барои ҷинояте, ки шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ содир намудааст, ҳангоми эътирофи ретсидив ба назар гирифта намешавад, ки ин ба принсипҳои инсондӯстӣ ва адолат мутобиқ аст (саҳ. 128).

Зербоби дуюми боби сеюм ба проблемаҳои бардоштани доғи судӣ бахшида шудааст. Дар ин қисмат бардоштани доғи судӣ ҳамчун шакли пеш аз мӯҳлатии қатъ гардидани он тавсиф шуда, таърихи ташаккули институт ва фарқияти он аз барҳам хӯрдан шарҳ дода мешавад. Зикр мегардад, ки қонуни ҷиноятии амалкунанда бардоштани доғи судиро ҳамчун механизми

гуногуншакл ва мутобиқ ба тағйироти сиёсати ҷиноятӣ муқаррар намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахс ва таъмини адолати ҳуқуқӣ равона гардидааст (саҳ. 131).

Муаллиф зарурати маънидоди возеҳи мафҳуми «рафтори бенуқсон»-ро таъкид намуда, нишон медиҳад, ки «рафтори бенуқсон» бояд рафтори шахсро дар давраи баъдиислоҳӣ дар бар гирад, хусусан рафтори ӯро дар соҳаи маишӣ, оё ӯ кор мекунад ё не, нақши ӯ дар ҷамъият чӣ гуна аст, муносибати ӯ бо оила ва ғайра. Танҳо ҳангоми муқаррар намудани ин ҳолатҳо суд метавонад масъалаи пеш аз мӯҳлат бардоштани доғи судиро ҳал намояд (саҳ. 136).

Ҳамзамон, масъалаи бекор кардани доғи судӣ бо санади авф таҳлил шуда, қайд мегардад, ки гарчанде қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ чунин имкониятро пешбинӣ мекунад, қонунҳои авфи солҳои охир муқаррароти «доғи судиро намебардорад»-ро дар бар мегиранд. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки дар қонунҳои минбаъдаи авф имконияти бардоштани доғи судӣ нисбати категорияҳои муайян пешбинӣ карда шаванд (саҳ. 147-148).

Дар маҷмуъ, боби сеюм бо таҳлили амиқ ва пайдарҳамонаи мӯҳлат, тартиб ва асосҳои қатъ гардидани доғи судӣ, ошкор намудани норасоиҳои татбиқи моддаи 84 КҶ ҶТ ва пешниҳоди тағйиру иловаҳои мушаххас фарқ мекунад. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии ҷиддӣ буда, ба дақиқсозии қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ равона шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи: «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) ба талаботи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Юсуфзода Фаридун Асадулло ба ихтисоси илмии дархостшаванда 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камубдиҳои ҷойдошта сифати илмии диссертатсияро коста намегардонад.

Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант арзёбӣ мегарданд:

1. Дар қатори ҳолатҳои баҳсталаб метавон ба он ишора намуд, ки муаллиф мавқеи худро нисбат ба масъалаи доғи судии шахсоне, ки ба ҷазои якумра маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян маҳкум шудаанд, ба таври мушаххас баён накардааст.

Маълум аст, ки тибқи қонунгузории амалкунанда, доғи судӣ бо гузаштани мӯҳлатҳои муқарраргардида барҳам мехӯрад ё метавонад пеш аз мӯҳлат бардошта шавад. Аммо дар ҳолате, ки маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ишғоли мансаб ё фаъолияти муайян ба мӯҳлати якумра таъин гардидааст, масъалаи барҳам хӯрдани доғи судӣ хусусияти мураккаб пайдо мекунад. Савол ба миён меояд, ки оё дар чунин ҳолат шахс амалан доимо дорои доғи судӣ боқӣ мемонад ё ин ки доғи судӣ метавонад бардошта шавад ё барҳам хӯрад.

Ҳамчунин, аз нуқтаи назари принсипи баробарӣ ва адолати ҳуқуқӣ масъалаи дигар ба миён меояд, ки дар баъзе ҷиноятҳои махсусан вазнин ин намуди ҷазо умуман пешбинӣ нашудааст. Оё чунин ҳолат метавонад ба нобаробарии вазъи ҳуқуқии шахсони маҳкумшуда, ки барои ҷиноятҳои гуногун ҷазо мегиранд, оварда расонад?

Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф ҳангоми ҳимояи рисола андешаи худро нисбат ба таносуби байни мӯҳлати ҷазои номбурда ва мӯҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ, инчунин таъсири он ба вазъи ҳуқуқии шахс дар муқоиса бо дигар категорияҳои маҳкумшудагон мушаххас баён намояд.

2. Муаллиф дар боби дуюм оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судиро таҳлил намуда, гуногунии маҳдудиятҳои вобаста ба доштани доғи судиро нишон медиҳад. Аммо дар боби сеюм ҳангоми баррасии масъалаи бардоштани доғи судӣ мавқеи дақиқ нисбат ба он ки оё бардоштани доғи судӣ ба таври автоматӣ боиси аз байн рафтани тамоми маҳдудиятҳои умумиҳуқуқӣ мегардад ё не, ба таври мушаххас ифода наёфтааст.

Дар амал қонунгузории соҳавӣ ҳолатҳои гуногунро пешбинӣ менамояд:

– дар баъзе мавридҳо маҳдудият танҳо нисбати шахсе татбиқ мегардад, ки айни замон дорои доғи судии барҳамнахӯрда ё бардоштанашуда мебошад;

– дар ҳолатҳои дигар, маҳдудиятҳо новобаста аз барҳам хӯрдан ё бардошта шудани доғи судӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Дар ин замина, саволи муҳими назариявӣ ва амалӣ ба миён меояд, ки оё бардоштани доғи судӣ бояд ҳамчун барқароршавии пурраи вазъи ҳуқуқии шахс арзёбӣ гардад ё он танҳо оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятиро аз байн мебарад ва ба оқибатҳои умумиҳуқуқӣ таъсири мустақим надорад?

Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф ҳангоми ҳимояи рисола мавқеи худро нисбат ба ин масъала дақиқ баён менамуд.

3. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки "бо мақсади муайян намудани масъалаи ҳисоби муҳлати барҳамхӯрии доғи судӣ ҳангоми иваз намудани ҷазои вазнин ба ҷазои сабук ва баръакс, пешниҳод дорем, ки ба моддаи 84 КҶ ҶТ банди мазкур илова карда шавад: «Дар ҳолати иваз намудани қисми адонакардаи ҷазо ба ҷазои нисбатан сабуктар (вазнинтар) муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ аз рӯйи намуди ҷазои дар аввал таъиншуда ҳисоб карда мешавад» (саҳ. 16-17).

Ба андешаи мо, зарурати ворид намудани чунин тағйирот ба моддаи 84 КҶ ҶТ ҷой надорад. Зеро тибқи муҳтавои моддаи мазкур дар ҳолати иваз намудани қисми адонакардаи ҷазо ба ҷазои нисбатан сабуктар ё вазнинтар, шахс ҳамоно маҳкумшуда ба ҷазои аввал таъиншуда ҳисоб мегардад. Аз ин рӯ, муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ низ вобаста ба категория ва намуди ҷазои аввала муайян карда мешавад.

Бо ин далел, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф ҳангоми ҳимояи рисола асоснок намояд, ки кадом норасоии мушаххаси ҳуқуқӣ дар амалия чунин тағйиротро тақозо мекунад ва чаро меъёрҳои мавҷуда барои ҳалли масъала нокифоя арзёбӣ мегарданд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулосаи диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи: «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун, сохтор ва натиҷаҳои илмӣ ба талаботи муқарраргардида мутобиқ мебошад.

Диссертатсия бо дараҷаи баланди мукаммалӣ, асоснокии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ фарқ намуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи рисола Юсуфзода Фаридун Асадулло бо дарназардошти натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои илмии пешниҳодшуда, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ 6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дониста мешавад.

Тақризи муассисаи пешбар мутобиқи муқаррароти бандҳои 76–79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №8 аз 3-юми марти соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Заробидинзода Сулаймон Заробидин – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.08), сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷаласаи кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 14 нафар иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти №8 аз 3-юми марти соли 2026.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
подполковники милитсия — Аҳёзода Ш.Т.

**Ташхисгар:**
Сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
подполковники милитсия — Заробидинзода С.З.

**Котиби ҷаласа:**
Муаллими кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
капитани милитсия — Анвариён Ш.Ш.

**«Имзои Ш.Т. Аҳёзода, С.З. Заробидинзода ва котиби ҷаласа Ш.Ш. Анвариёнро тасдиқ менамоям».**
Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия — Саидзода А.Р.
«03» марти соли 2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru